«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
профессор ________ Шарифзода М.М.
«17» ___03___ 2023 с.

**Протоколи № 8**

ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ

аз «16» ___03___ 2023 с. ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд**: Туразода Ҷамшед Аскар - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - декани факултети бизнес ва идоракунӣ (раиси ҷаласа), котиби ҷаласа, н.и.и., дотсент Ахмедова М.А. – муовини декан оид ба корҳои илмӣ, н.и.и., муаллими калон Исоқов М.Т. - муовини декан оид ба корҳои тарбия, муаллими калон Турсунова З.Ғ – эдвайзер – мушовири академӣ, н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ. – мудири кафедраи иқтисодиёти корҳонаҳо ва минтақа, н.и.и., дотсент Тошматова М.Д. - мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, н.и.и., дотсент Шамсиев Ф.К. - мудири кафедраи менеҷмент, н.и.к-й., дотсент Хӯҷаназарова М.И. - мудири кафедраи маркетинг - агробизнес, н.и.и., дотсент Бобоҷонова З.Ғ – раиси кумитаи иттифоқи касаба, муаллими калон Умарова С.И – раиси Шӯрои илмӣ – методии факултет, муаллими калон Ҳоҷибоева М.А – раиси бонувон ва духтарони факултет, муаллими калон Абдураҳмонова Б.А – саркуратори факултет, ассистент Зиёев М.А – раиси созмони ҷавонони факултет, Абдурашидова М.А – офис – бақайдгирандаи факултет, ассистент Муҳиддинова М.А - мудири синфхонаи компютерӣ. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона қабул карда шуд.

**Даъватшудагон:** д.и.и., профессор Бойматов А.А, д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р – муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, н.и.и., дотсент Самадова З.А – сардори раёсати корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, н.и.ф., дотсент Атомуллоева М.А - мудири шӯъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ педагогӣ ДДҲБСТ, н.и.б., дотсент Ашӯров С.Х., н.и.к., дотсент Азимов А.Ч., н.и.б., дотсент Сангинова М.Ю., н.и.и., дотсент Сатторова Ф.М., муаллимони калон:

Қурбонова Ш.С., Қодирова Н.А., Пӯлотова М.Х., Нурбоев Н.М., Солиев Ҳ.А., ассистент Юнусова Ф.М. баргузор гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯ Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

**Роҳбари илмӣ:** Мирсаидов Саидакмал Аврорович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Раиси ҷаласа:**

- Ҳозирини мухтарам, имрӯз қарор аст, дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт ҳамчун кори ҷамъбастшуда ба муҳокима пешниҳод шудааст. Роҳбари илмии рисолаи номзадии мазкур д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ Мирсаидов С.А., тақриздиҳандагони расмӣ мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алиҷонов Ҷ.А ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зокирова Ш.М мебошанд. Аз рӯи регламент барои баёни нуктаҳои асосии рисола ба унвонҷӯ 15 - дақиқа, ба тақриздиҳандагон то 10 - дақиқа, барои музокира 5 - дақиқа муайян карда шуд. Сипас сухан ба унвонҷӯ Азимова Муқадасхон Мухамедовна дода шуд.

**Шунида шуд.** Маърӯзаи унвонҷӯ Азимова М.М шунида шуд (маърӯза замима карда мешавад). Баъди баромади унвонҷӯ раиси ҷаласа, дотсент

Туразода Ҷ.А аз ҳозирин хоҳиш намуд, ки оид ба нуктаҳои рисола саволҳои худро диҳанд.

Саволҳои д.и.и., профессор Бойматов А.А:

1. Сабаб чист, ки Шумо маҳз ҳамин мавзуъро ба ҳайси таҳқиқоти илмӣ интихоб намудаед?

2. Оид ба мавзуи таҳқиқшаванда Шумо таҷрибаи кадом олимони ватаниро истифода намудаед?

Саволҳои д.и.и., профессор Ризокулов Т.Р:

1. Шумо дар таҳқиқоти худ кадом методологияро истифода бурдед?

2. Хусусияти минтақавии бахши давлатӣ дар чист?

Саволҳои н.и.и., дотсент Самадова З.А:

1. Мубрамияти рисолаи Шумо дар чӣ ифода меёбад?

2. Рисолаи илмии Шумо аз дигар рисолаҳои илмӣ чӣ фарқ дорад?

Саволҳои н.и.и., дотсент Ҷӯраев Ф.М:

1. Аҳамият ва хусусиятҳои фарқкунандаи бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аз чӣ иборат мебошанд?

2. Таҷрибаи кадом давлатҳои хориҷиро дар рисолаи худ оид ба пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор додаед?

3. Дар нуктаи панҷуми навгонии илмӣ муносибгардонии сохтори бахши давлатӣ тавассути афзоиши ҳиссаи ниҳодҳои худмухтор ва ташкилоти ғайритиҷоратии ғайрихукуматӣ оварда шудааст. Онро шарҳ диҳед?

Саволҳои н.и.и., дотсент Шамсиев Ф.К:

1. Кадом стандартҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоиро дар рушди пешниҳоди неъматҳои мухимми иҷтимоӣ коркард намудед?

2. Механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро оид ба рушди бахши давлатии иктисодиёт дар соҳаи хизматрасониҳо шарҳ диҳед?

3. Шумо дар рисолаи худ кадом муаммоҳои неъматҳои моддиро (маориф, фарҳанг, тандурустӣ) дар иқтисодиёти минтақавӣ таҳқиқ намудед?

Саволҳои н.и.к-й., дотсент Хуҷаназарова М.И:

1. Дар баъзе минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди хонандагон хеле зиёд аст, дар баъзе минтақаҳо баракс - теъдод кам? Ба назари Шумо сабаб дар чист?

Саволҳои н.и.и., дотсент Қаюмов Ф. Ғ:

1.Хусусиятҳои идоракунии рушди иқтисодии бахши давлатии хизматрасониҳоро дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ таҳқиқ намудаед. Онҳоро шарҳ диҳед?

2.Омилҳои ба рушди бахши давлатии хизматрасониҳо таъсиррасонанда, кадомҳоянд?

Унвонҷӯ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои саҳеҳ дод.

**Раиси ҷаласа**, дотсент Туразода Ҷ.А., риштаи суханро ба роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А барои ироаи мулоҳиза дод (мулоҳизаи роҳбари илмӣ замима карда мешавад).

Баъд аз шунидани мулоҳизаи роҳбари илмӣ раиси ҷаласа, дотсент Туразода Ҷ.А., суханро ба тақриздиҳандагон дод.

Тақриздиҳандаи якум - мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алиҷонов Ҷ.А баромад намуд (тақриз замима карда мешавад).

Тақриздиҳандаи дуюм - н.и.и., дотсент Зокирова Ш.М баромад намуд (тақриз замима карда мешавад).

Унвонҷӯ баъди баромади тақриздиҳандагони расмӣ нуқтаи назари худро оид ба баъзе масъалаҳо иброз намуд ва дар маҷмӯъ эродҳоро қабул карда, ҳозиринро оид ба бартараф кардани онҳо бовар кунонид.

**Дар музокира баромад намуданд:** дотсент Туразода Ҷ.А, дотсент Ахмедова М.А, дотсент Тошматова М.Д музокирачиён нуқтаи назари худро оид ба мубрамияти мавзуъ ва ҷабҳаҳои мусбати он иброз доштанд, ҳамзамон барои ислоҳи баъзе хатогиҳои мавҷуда фикру андешаҳояшонро баён намуданд. Унвонҷӯ оид ба камбудиҳои ишорагардида нуқтаи назари худро иброз дошт. Дар маҷмӯъ ҳамаи музокирачиён рисолаи илмиро кори ҷамъбастшуда ҳисобида тавсия намуданд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур баъд аз ислоҳи эродҳо ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дар асоси муҳокимаи натиҷаи таҳқиқоти рисолаи илмии унвонҷӯ Азимова М.М факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ чунин

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт пешниҳод гардидааст, ки таҳқиқоти илмӣ – тахассусии самти иқтисоди муҳим барои рушди иқтисодиёти бахши давлатии хизматрасониҳо арзёбӣ гаштааст. Он тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ таҷассум менамояд.

2. Бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда, дурустии муқарраротии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, навоварии илмии натиҷаҳои бадастомада, баррасиҳои мусбати мудири кафедраи назарияи иқтисодии МТД ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алиҷонов Ҷ.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зокирова Ш.М., суханронии роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Туразода Ҷ.А., н.и.и., дотсент Ахмедова М.А., н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ инчунин бо назардошти маълумоти унвонҷӯ оид ба тағйироте, ки ба диссертатсия ворид кардааст, мувофиқи эродҳое, ки ҳангоми муҳокимаи рисолаи номзадӣ дар ҷаласаи васеи факултет баён шудааст, рисолаи илмии Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи:«Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.

3. Иҷрои қарори мазкури Шӯрои олимони факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ ба декани факултет, раиси ҷаласа н.и.и., дотсент Туразода Ҷ.А гузошта шавад.

**4**. Аз раёсати донишгоҳ дархост карда шавад, ки ба унвонҷӯ Азимова Мукадасхон Мухамедовна ҷиҳати ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мактуби ҳамроҳ дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи давлатии, ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон якдилона қабул карда шуд.

Дар овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 15 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид:

“ тарафдор ” – 15,

“ зид ” – нест,

“ бетараф ” – нест.

Протоколи № 8 аз 16.03 соли 2023 тасдиқ гардидааст.

Раиси ҷаласа Шӯрои олимони
факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ,
н.и.и., дотсент ____________ Туразода Ҷ.А.

Котиби ҷаласа Шӯрои олимони
факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ,
н.и.и., дотсент ____________ Ахмедова М.А.

Муқарриз: д.и.и., дотсент ____________ Аличонов Ҷ.А.

Муқарриз: н.и.и., дотсент ____________ Зокирова Ш.М.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон ____________ Мирпоччоев И.Ҳ.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел: + 992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp. tj